**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси: 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи номзадии Ҷабборова Вазира Ҳасановна таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дорои арзишҳои муҳими назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки дар доираи илмии Тоҷикистони имрӯза то ба ҳол ягон таҳқиқоти бунёдиро дар соҳаи фалсафаи амалии Аҳмади Дониш нишон додан амри маҳол аст. Дар диссертатсияи мазкур маҳз як ҷанбаи мукаммал ва ба таври ҷудогона омӯхтанашудаи он – таснифоти илм аз назари маорифпарвар ба ҳайси кори илмӣ-таҳқиқотии алоҳида то ба ҳол мавриди омӯзиш қарор наёфтааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки диссертант бори аввал ҷойгоҳи фалсафаи амалиро дар таълимоти Аҳмади Дониш ба сифати объекти таҳқиқот қарор дод. Масъалаҳои алоҳидаи навгонии таҳқиқот ҳамчун ҷузъи таркибии фалсафаи амалии Аҳмади Дониш таҳлилу баррасӣ карда шуд.

Рисолаи илмӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст. Аз ҷумла, сарсаҳифа, номгӯйи ихтисораҳо, мундариҷа, муқаддима ва бандҳои алоҳидаи он, тавсифи умумии таҳқиқот ва бандҳои алоҳидаи он, бобҳо ва зербобҳо, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, номгӯйи адабиёти истифодашуда, пурра бо риояи талаботи муқарраршуда таҳия шудаанд.

Пажӯҳиши мазкури Ҷабборова В. Ҳ. аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ омода гардида, дар он аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок карда шудааст.

Ҳамчунин дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, рӯйхати интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия зикр ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия **«Аҳмади Дониш - файласуф ва бунёдгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ»** номгузорӣ шуда, се фаслро дар бар гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф, маълум мегардад, ки мавзуҳои асосии онҳоро масъалаҳои марбут ба тарбияи инсонӣ, тарзи ақлонӣ ва одилона идора кардани давлат, ҷобаҷогузории кадрҳои идораи давлатӣ, ҷорӣ кардани адолати иҷтимоӣ ва риоя кардани меъёрҳои он ҳангоми баррасӣ ва ҳалли мушкилоти бавуҷудомада, тарғиби саховатмандӣ ва таҳаммулгароӣ, андӯхтан ва азбар кардани касбу ҳунар, дастгирии қишри эҳтиёҷманд ва нодор, барқарор доштани баробарии иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки маорифпарвари тоҷик аз илмҳои табиӣ-риёзӣ ва дақиқ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ, ё худ силсилаи илмҳои назарӣ ва амалӣ дониши кофӣ доштааст. Ин андешаро низ осори таълифкардаи ӯ, ки фарогири мавзуҳои марбут ба инсон, ҷомеа, дин, табиат ва дар маҷмуъ олам мебошанд, тасдиқ мекунад.

Боби дуюми диссертатсия «**Тамоилгирии фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш**» фарогири се фасл аст. Дар ин қисмати кор ҷанбаи назариявӣ-фалсафии таҳқиқот ва шарҳу тавзеҳ ва таснифи категорияҳои ахлоқӣ ба таври алоҳида ва ё дар зербоби мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нашудааст. Аммо аз мутолиа ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни осори ӯ маълум метавон кард, ки

маорифпарвар мураббии инсон аст ва ҷавҳари таълимоти ӯро масъалаи инсон ва тавсифи сифатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дар заминаи баррасии сифатҳои шоиста ва носазои инсон, ки дар тамоми таълифоти маорифпарвар ба назар мерасанд, месазад қайд кард, ки Аҳмади Дониш категорияҳои ахлоқиро ба ду гурӯҳ: якум, категорияҳое, ки сифатҳои ҳамида, ахлоқи накӯ ва амалҳои писандидаи инсонро инъикос менмоянд. Ба гурӯҳи инъикоскунандаи амалҳои накую писандидаи инсон ӯ категорияҳои зеринро шомил медорад: адолат, фазилат, саховат, беозорӣ, таҳаммулгароӣ, қаноат, покӣ, вафодорӣ, парҳезкорӣ, иффат, ҳаё, дӯстӣ, ҷавонмардӣ, сирнигоҳдорӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра.

Хулосаҳои илмии аз рисола бадастомада дар таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои мукаммал таҳқиқнашудаи масъалаҳои мухталифи фалсафа, ба омӯзиши таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва фарҳангшиносӣ мутааллиқ аст, ки таҳаввулоти самтҳои онро нишон дода, метавонад ба рушди минбаъдаи ин соҳаи фалсафа, таҳияи консепсияҳо ва фарзияҳои нав мусоидат намояд, таҳияи китобу дастуру васоити таълимӣ, баргузории курсу семинарҳои махсус мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати чандинсолаи муҳаққиқ маҳсуб меёбад. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 3 мақолаи дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда, дар маҷаллаҳои гуногун нашр шудаанд, инъикос гардидааст. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи “**Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021., № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи пурраи тадқиқотро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи “**Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш”** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа сазовор аст.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафаи
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Атоев А.М.

Имзои Атоев Атоулло Мухторовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров “ Ҳусейнова З.С.

Суроғаи роҳбари илмӣ:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Д. Аҳмадбеков № 7.
Тел: +992 92 773 21 23
Почтаи электронӣ: otella64@mail.ru
“ 29 ” апрели соли 2024